УДК 33.032.9
ББК 6.65

# ОМӮЗИШИ АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ СОХТМОНИ МАНЗИЛ ВА АҲАМИЯТИ ОН ДАР БЕҲДОШТИ САТҲИ ЗИНДАГИИ АҲОЛӢ

***Қодиров Абдурахмон Лакимович*** *- профессор, директори Институти илмӣ-таҳқиқотии илмҳои табиатшиносӣ ва дақиқи МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров", ш.Хуҷанд, Мавлонбеков 1., e-mail: kadir55@mail.ru*

***Дадоматов Далерҷон Нишонбоевич*** *– доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи давлатии ҳукук, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, мкрн. 17., хонаи 1., e-mail:dalerdn@mail.ru*

***Абдуллоева Гулноза Абдуҷаборовна*** *- сардори раёсати таълими Донишкадаи илмҳои дақиқ ва технологияи Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд, маҳаллаи Навбахор, микроноҳияи 34., e-mail:gulnoza1@mail.ru*

# ИЗУЧЕНИЕ ТЕОРЕТИЧЕСКИХ ОСНОВ ЖИЛИЩНОГО СТРОИТЕЛЬСТВО И ЕГО ЗНАЧЕНИЯ В ПОВЫШЕНИИ УРОВНЯ ЖИЗНИ НАСЕЛЕНИЯ

***Кадиров Абдурахмон Лакимович*** *- профессор, директор научно - исследовательского института естественных и точных наук ХГУ имени академика Б. Гафурова, г. Худжанд, Мавлонбекова 1., e-mail: kadir55@mail.ru*

***Дадоматов Далерҷон Нишонбоевич*** *- доктор экономических наук, профессор кафедры бухгалтерского учета Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики (Таджикистан, Худжанд) 17 мкр., дом 1. e-mail: dalerdn@mail.ru*

***Абдуллоева Гулноза Абдуджаборовна*** *- заведующая учебным отделом Института точных наук и технологий Таджикистана в городе Худжанд **(Таджикистан, Худжанд)**, микрорайон Навбахор, 34 микрорайон. e-mail: gulnoza1@mail.ru*

# STUDYING THE THEORETICAL FOUNDATIONS OF HOUSING CONSTRUCTION AND ITS SIGNIFICANCE IN IMPROVING THE LIVING STANDARDS OF THE POPULATION

***Kadirov Abdurakhmon Lakimovich*** *- Professor, Director of the Research Institute of Natural and Exact Sciences KhSU named after academician B. Gafurov, Khujand, Mavlonbekova 1., e-mail: kadir55@mail.ru*

***Dadomatov Dalerjan Nishonboyevich*** *- Dr. of Economics, Professor of the Department of the Accounting of the Tajik State University of Law, Business and Politics, (Tajikistan, Khujand), e-mail:dalerdn@mail.ru*

***Abdulloeva Gulnoza Abdujaborovna*** *- Head of the Education Department of the Institute of Exact Sciences and Technologies of Tajikistan in the city of Khujand (Tajikistan, Khujand), Navbakhor microdistrict, microdistrict 34, e-mail: gulnoza1@mail.ru*

***Калидвожаҳо:*** *сохтмони манзил, сатҳи зиндагии аҳолӣ таъмини аҳолӣ бо манзили шахсӣ, стратегия, сатҳи даромад, қарзи ипотекӣ, ҳуқуқ ба манзил.*

*Мақолаи мазкур ба омӯзиши асосҳои назариявии сохтмони манзил ва аҳамияти он дар беҳдошти сатҳи зиндагии аҳолӣ бахшида шудааст. Мақсади мақолаи илмӣ омӯзиши асосҳои назариявии сохтмони манзил ва дар ин асос ошкор кардани омилҳои ба рушди сохтмони манзил таъсиррасон мебошад. Дар рафти таҳқиқот омилҳои ба рушди сохтмони манзил таъсиррасон, низоми нишондиҳандаҳои алоқаманди сатҳи зиндагии аҳолӣ ва нақши иҷтимоиву иқтисодии сохтмони манзил пешниҳод карда шудааст. Ҳамзамон, дар мақола асосҳои ҳуқуқии рушди сохтмони манзил мавриди омӯзиш қарор гирифта, тавсияҳои илмӣ ҷиҳати рушди сохтмони манзил пешниҳод карда шудаанд.*

***Ключевые слова:*** *жилищное строительство, уровень жизни населения, обеспечение населения индивидуальным жильем, стратегия, уровень доходов, ипотечный кредит, право на жилище.*

*Данная статья посвящена изучению теоретических основ жилищного строительства и его значения в повышении уровня жизни населения. Цель научной статьи - изучить теоретические основы жилищного строительства и на этой основе выявить факторы, влияющие на развитие жилищного строительства. В ходе исследования были представлены факторы, влияющие на развитие жилищного строительства, система показателей, связанных с уровнем жизни населения и социально-экономической ролью жилищного строительства. Вместе с тем, в статье изучены правовые основы развития жилищного строительства, представлены научные рекомендации по развитию жилищного строительства.*

***Key words:*** *housing construction, standard of living of the population, provision of the population with individual housing, strategy, income level, mortgage loan, right to housing.*

*This article is devoted to the study of the theoretical foundations of housing construction and its importance in improving the standard of living of the population. The purpose of the scientific article is to study the theoretical foundations of housing construction and, on this basis, to identify the factors influencing the development of housing construction. The study presented factors influencing the development of housing construction, a system of indicators related to the standard of living of the population and the socio-economic role of housing construction. At the same time, the article examines the legal foundations for the development of housing construction, presents scientific recommendations for the development of housing construction.*

Сохтмони манзил фаъолияти муҳими иқтисодӣ буда, дар самти беҳдошти зиндагии аҳолӣ ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ таъсири назаррас мерасонад. Рушди соҳаи сохтмони манзил пеш аз ҳама ба ташкили ҷойҳои корӣ, вазъи демографии мамлакат ва таъмини аҳолӣ бо манзили шахсӣ мусоидат намуда, такрористеҳсоли васеъи фондҳои асосиро таъмин менамояд. Рушди сохтмони манзил дар ҳар як давраи пешрафти иқтисодиёт дорои навгонӣ ва брендҳо буда, ба шароити кунунии зисти аҳолӣ мутобиқ гардонида мешавад ва ҳолати мазкур имкон медиҳад, ки нишондиҳандаҳои беҳдошти сатҳи зиндагии аҳолиро дар заминаи талаботҳои байналмилалӣ арзёбӣ намоем.

Сохтмони манзил қисми муҳими соҳаи сохтмон буда, ифодакунандаи шароити иқтисодӣ-иҷтимоии хоҷагиҳои хонавода ва дар маҷмӯъ ҷамъият мебошад. Соҳаи мазкур ба равандҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ, ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва дигарҳо робитаи зич дошта, дар беҳдошти сатҳи зиндагии аҳолӣ мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Хусусан манзил – яке аз неъмати модии гаронбаҳои истеъмолкунандааст, ки барои беҳдошти сатҳи зиндагӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Масъалаи мазкур натанҳо объекти омӯзиши субъектони алоҳида ё мамлакатҳо мебошад, балки дар сатҳи созмонҳои байналхалқӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифта, дар самти таъмини аҳолӣ бо манзил чораҳои назаррас андешида шудааст.

Дар асоси муқаррароти Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, ки Асамблеяи Генералии СММ 10 декабри соли 1948 (модаи 25) қабул кардааст, «Ҳар як инсон ҳуқуқ дорад дорои чунин сатҳи зиндагие бошад, ки дар он дастрасӣ ба хӯрок, либос, манзил, хизматрасонии тиббӣ ва хизматрасониҳои зарурии иҷтимоӣ, ки барои ҳифзи саломатӣ ва некӯаҳволии худ ва оилаи ӯ зарур аст, таъмин бошад» [1].

Маврид ба зикр аст, ки таъмини аҳолӣ ба манзил яке аз самтҳои муҳими ҳаёти иҷтимоӣ буда, аз ҷониби Ҳукумати мамлакат то имрӯз дар ин самт корҳои зиёд ба анҷом расонида шудаанд. Чунончи, аз соли 2000-ум то соли 2022-юм ҳаҷми солонаи ба истифода супоридани манзил аз 245 ҳазор метри мураббаъ ба зиёда аз 1,5 миллион метри мураббаъ расидааст. Ҳамзамон, бо мақсади беҳтар кардани шароити зиндагии мардуми кишвар танҳо дар 10 соли охир 7,2 ҳазор гектар заминҳои наздиҳавлигӣ барои бунёди беш аз 14 миллион метри мураббаъ манзили истиқоматӣ ба аҳолии мамлакат ҷудо гардидааст [7].

Сохтмони манзил дар амалкарди таъмини ҳуқуқҳои шаҳрвандон ба манзил ва масъалаҳои иҷтимоӣ мусоидат намуда, ба сатҳи зиндагии аҳолӣ таъсир мерасонад. Маҳдуд будани имконият ҷиҳати ҳалли масъалаи ба манзил вобастабуда, аҳолиро ба муҳоҷират водор намуда, боиси пайдоиши масъалаҳои нав дар бозори меҳнат мегардад. Дар ин замина, вобаста ба зарурияти манзил ва таъсири он ба беҳдошти сатҳи зиндагии аҳолӣ, таҳқиқи масъалаҳое, ки ба рушди сохтмони манзил вобаста аст, мубрам арзёбӣ мегардад.

Аз таҳқиқи адабиётҳои иқтисодӣ бар меояд, сохтмони манзил, дастрасии аҳолӣ ба он, ташкили шароити мусоиди манзилӣ-комуналӣ дар арзёбии сатҳи зиндагии аҳолӣ мавқеи хосса дорад, зеро беҳдошти сатҳи зиндагӣ аз сармояи ҳар фард ва сатҳи қонеъгардонии талаботҳои инсон ба неъматҳои моддӣ ва маънавӣ вобаста аст. Яъне, сармояи ҳар як фарди алоҳида барои зиндагӣ ва инкишофёбӣ бояд қонеъкунандаи талаботҳои худ бо хӯрока ва пӯшока, манзил, зиндагии бо фароғат, кафолати озодӣ, саломатӣ, бехатарӣ, шуғл, таҳсил, хизматрасонӣ, варзиш, фароғати экологӣ, ҳимояи иҷтимоӣ, дастраси ба маълумотҳо оид ба рушди иҷтимоӣ, барқароркунии анъанаҳои таърихӣ ва ғайраҳо бошад [12, с.7].

Муҳаққиқи рус Гурьев В.И. моҳияти сатҳи зиндагиро шарҳ дода, таъминоти аҳолиро бо манзил ва замини наздиҳавлигӣ яке аз унсури муҳими сатҳи зиндагӣ медонад. Ба андешаи ӯ сатҳи зиндагӣ дар натиҷаи унсурҳои зиёд: ҳаҷми даромади воқеии кормандон, сатҳи истеъмоли неъматҳо ва хизматҳо, таъминоти аҳолӣ бо манзил ва замини наздиҳавлигӣ, маърифатнокӣ, афзоиши хизматрасонии тиббӣ ва маданию маишӣ ба шаҳрвандон, ҳолати муҳити атроф, ташаккул мeёбад [2, с.67]. Таҳқиқи адабиёти иқтисодӣ маълум намуд, ки сатҳи зиндагӣ дар маънои маҳдуд ва васеъ фаҳмида шуда, тибқи онҳо “шароити манзил” ва “муҳити экологии манзил” низ ҳамчун нишондиҳандаҳои сатҳи зиндагӣ арзёбӣ гардидаанд. Муҳаққиқони рус Ускова Т.В. ва Гордина О.Н. муҳиммияти манзил ва шароити манзилро мавриди таҳқиқ қарор дода, қайд мекунанд, ки баробари шароити меҳнат, вазъи муҳити зист, дараҷаи рушди объектҳои инфрасохтори иҷтимоӣ, шароити манзил ба сатҳи зиндагӣ ва сифати зиндагӣ таъсири бевосита дорад. Манзил ва шароити манзил омилҳои муайянкунандаи вазъи солимии ҷисмӣ, руҳӣ ва солимии иҷтимоии инсон: шумораи фарзандон дар оила, муваффақият дар тарбияи онҳо, рушди маънавӣ, сатҳи сифатӣ ва миқдории талаботи оилаҳо бо неъматҳои ҳаётан муҳим мебошанд [11, с.14]. Дар заминаи таҳқиқи адабиётҳои иқтисодӣ метавон алоқамандии манзилро бо сохтори нишондиҳандаҳои сатҳи зиндагӣ чунин тасвир намуд:




Расми 1. Сохтор ва алоқамандии нишондиҳандаҳои сатҳи зиндагии аҳолӣ
*Сарчашма: муаллифон дар асоси адабиётҳои иқтисодӣ таҳия намудааст.*

Ҳамаи нишондиҳандаҳои дар расми 1 пешниҳодшуда омилҳои рушди иқтисодиёт, нисбатан пурра қонеъ кардани талаботи аҳолӣ, баланд шудани сатҳи зиндагӣ, ҳамзамон, беҳдошти некуаҳволиро ифода мекунанд.

Муҳаққиқи дигари рус В. Криченко дар таҳқиқоташ “Масъалаҳои иҷтимоӣ ва банақшагирии ояндадор” таснифоти нишондиҳандаҳои сатҳи зиндагиро таҳия намудааст, ки аксарияти онҳо ба манзил ва шароити хуби манзил вобаста мебошанд:

1. Тавсифи иҷтимоӣ-демографӣ, синфӣ ва иҷтимоию иқтисодии таркиби аҳолӣ;
2. Рушди муносибатҳои моликиятдорӣ;
3. Хусусият, ҳолат ва шароити меҳнат дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ;
4. Таъмини захиравии барномаҳои рушди иҷтимоӣ ва беҳтар намудани сатҳи зиндагии мардум;
5. Даромади аҳолӣ;

6. Истеъмоли неъматҳои моддӣ ва хизматҳо;
7. Инфрасохтори иҷтимоӣ-маишӣ;
7.1. Таҳсилот;
7.2. Маданият ва санъат;
7.3. Хизматрасонии тиббӣ;
7.4. Фароғат;
7.5. Тарбияи бадан ва варзиш;
7.6. Манзил;
7.7. Хизматрасонии коммуналӣ;
7.8. Хизматрасонии маишӣ;
7.9. Хизматрасонии нақлиёт ва алоқа;
7.10. Савдо ва хӯроки умумӣ;
8. Буҷаи вақт;
9. Ҳифзи муҳити атроф.

Пас аз баррасии низоми нишондиҳандаҳои пешниҳоднамудаи В. Криченко хулоса намудан мумкин аст, ки бештари нишондиҳандаҳо дар заминаи дастрасии аҳолӣ ба манзили барои истиқомат мутобиқ ташаккул меёбанд. Маврид ба зикр аст, ки сохтмони манзил дар шароити кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши иҷтимоӣ-иқтисодӣ дорад.

Нақшаи 1.

Нақши иҷтимоиву иқтисодии сохтмони манзил

| Нақши иҷтимоии сохтмони манзил | Нақши иқтисодии сохтмони манзил |
|---|---|
| ➢ қонеъ гардонидани талаботҳои маънавии аҳолӣ;<br>➢ ташкили шароити мусоиди зист;<br>➢ беҳтар намудани вазъи психологӣ, саломатии шахс;<br>➢ беҳдошти сатҳи зиндагии аҳолӣ. | ➢ ташкили ҷойҳои нави корӣ;<br>➢ ҷорӣ намудани молу хизматрасониҳои нав;<br>➢ қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти ширкатҳои сохтмонӣ;<br>➢ таъмини соҳибмулк бо молу хизматрасониҳои махсус;<br>➢ пардохти хизматрасониҳо, афзоиши ММД ва буҷет. |

*Сарчашма: таҳияи муаллифон дар асоси таҳқиқи адабиётҳои иқтисодӣ*

Дар нашрияҳои омори муосир, чунин низоми индикаторҳои сатҳи зиндагии аҳолӣ ба монанди: фонди манзил; ободонии фонди манзил; нишондиҳандаҳои асосии шароити манзили аҳолӣ ва шумораи оилаҳои бо манзил таъминшуда ва дар навбатбуда истифода мегарданд [5, с. 21-22]. Иванов Ю.Н. нишондиҳандаи ғункунии амвол ва таъминоти аҳолӣ бо манзилро дар низоми нишондиҳандаҳои сатҳи зиндагӣ муҳим арзёбӣ намуда, И.И. Елисеева шароити манзили аҳолиро ба низоми нишондиҳандаҳои сатҳи зиндагӣ ворид намудааст [3, с. 77-82], ки ин нишондиҳанда дар сатҳи созмонҳои байналмилалӣ ва мамлакатҳои пешрафта баҳо дода мешаванд.

Муҳимияти манзилро Созмони Миллали Муттаҳид ба инобат гирифта, дар омори байналмилалӣ барои арзёбиии низоми нишондиҳандаҳои сатҳи зиндагӣ, ки аз 12 қисм иборат мебошад, шароити манзил ҳамчун нишондиҳандаи таъсиррасонии мустақим ворид гардидааст. Дар низоми нишондиҳандаҳои тавсифкунандаи сатҳи зиндагии аҳолии ИМА, ки аз 13 қисмат таркиб ёфтааст, нишондиҳандаи шароити манзил калидӣ арзёбӣ гардидааст.

Низоми нишондиҳандаҳои омори иҷтимоии Фаронса, ки аз ҷониби институти миллии омор ва таҳқиқоти иқтисодӣ коркард ва таҳия гардидааст аз 4 гурӯҳи нишондиҳандаҳо таркиб ёфтааст: гурӯҳи якум – «Шумора ва таркиби аҳолӣ, захираҳои меҳнатӣ ва шароити меҳнат», гурӯҳи дуюм – «Тақсимкунӣ, азнавтақсимкунӣ ва истифодаи даромад» ва гурӯҳи сеюм – «Шароити рӯзгузаронӣ» нишондиҳандаҳои истеъмол ҷудо карда шудааст (ҳаҷм –

ҳамагӣ ва ба ҳар нафар аҳолӣ, шумораи воҳидҳои истеъмол), шароити манзил, вақти холӣ ва фарҳангӣ, вақтхушӣ, ғункунии амвол ва чизҳои қимматбаҳоро дар бар мегирад [4, с.34].

Дар рушди сохтмони манзил захираҳои молиявии соҳаи сохтмон, ҷалби сармоя ба соҳа, самаранокии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ, қувваи корӣ, таҷҳизоти муосир ва дигар омилҳо мавқеи муҳим доранд.




Расми 2. Омилҳои ба рушди сохтмони манзил таъсиррасон

*Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси таҳқиқи адабиётҳои иқтисодӣ*

Муҳаққиқи ватанӣ Саидов С.Ш. дар масъалаи "Асосҳои пайдоиши ҳуқуқи моликият ба манзили истиқоматӣ" таҳқиқоти илмӣ гузаронида, хулоса намудааст, ки ҳуқуқи истиқомат ба манзил пас аз ба даст овардани Истиқлол дар қонунҳои миллии манзил дарҷ гардиданд [8, с. 262-268]. Андешаи муҳаққиқ дуруст аст, зеро дар замони Шӯравӣ бештари фондҳо моликият давлат ҳисобида мешуд ва масъалаи ҳуқуқи моликият ба манзил он вақтҳо мубрам ҳисобида нашуда, шаҳрвандон ҳуқуқи моликият ба якчанд манзили истиқоматиро надоштанд. Истиқлоли давлатӣ ва гузариш ба иқтисоди миллӣ имкон дод, ки ин маҳдудият бартар карда шуда, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд барномаҳо, стратегияҳо қабул гардида, дар қонунгузории ҷорӣ тағйиротҳо ворид карда шуданд. Маврид ба зикр аст, ки дар моддаи 36 Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд гардидааст, ки "ҳар кас ба манзил ҳуқуқ дорад. Ин ҳуқуқ бо роҳи сохтмони манзили давлатӣ, ҷамъиятӣ, кооперативӣ ва хусусӣ таъмин карда мешавад" ва ин меъёр боиси пайдоиши фонди манзили шахсӣ гардида, ҳуқуқи моликияти шаҳрвандонро ба манзили шахсӣ таъмин намуд ва ин шакли фонд сол то сол тамоюли афзоишёбӣ дорад.

Яке аз ҳадафи таҳкими неруи институтсионалии кишвар, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 қайд гардидааст, ин ташаккулдиҳии асосҳои институтсионалӣ барои урбанизатсияи минбаъда, ба монанди банақшагирии рушди шаҳр, сиёсати самараноки манзил ва замин, ба танзим даровардани ҳуқуқҳои молу мулкӣ ба замин ва амволи ғайриманқул ва бақайдгирии он ва рушди бозори манзил ва мусоидат ба сохтмони амволи ғайриманқули манзилӣ ва бозаргонӣ ва инфрасохтор дар шаҳрҳо мебошад [9, с. 51]. Дар ин ҳуҷҷати стратегӣ ташаккули муҳити мусоид барои зиндагӣ тавассути баланд бардоштани дастрасӣ ба манзил ва ғайра ҳамчун афзалиятҳо дар рушди сармояи инсонӣ арзёбӣ гардидааст.

Диққати асосии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сохтмони манзил тавассути Стратегияи рушди соҳаи сохтмони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 равона гардидааст, ки тибқи он мушкилоти муҳим дар таъмини аҳолӣ бо манзили дастрас ин нокифоягии корҳо дар самти қарздиҳии имтиёзнок ва ипотекӣ, нарасидани қитъаҳои замин барои сохтмони манзил, самаранокии пасти истифодаи заминҳо бо иқтидори калони шаҳрсозӣ, қафомонии бахши коммуналӣ, ки ҳамчун бахши иқтисодиёти ҷолиб барои

сармоягузорӣ аз тарафи тиҷорати хусусӣ ташаккул наёфтааст, нобаробарӣ ба дастрасии системаҳои бехатари обтаъминкунии нушокӣ, санитария ва беҳдоштӣ, гармкунӣ ва барқтаъминкунии бахши манзил байни маҳалҳои аҳолинишини шаҳр ва деҳот, хатари баланди пайдошавии ҳолатҳои фавқулода, аз ҷумла дар натиҷаи тағйирёбии иқлим ва ғайраҳо арзёбӣ гардидааст.

Яке аз самти асосии амалишавии Стратегияи рушди соҳаи сохтмони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ин сохтмони манзил ба шумор меравад. Тибқи стратегияи болозикр "талаботҳои демографӣ ва экологӣ, ки иқтисодиёти мамлакат ба онҳо бармехӯрад, афзоиши талабот ба манзил ва шароити маишӣ, ифлосшавии муҳити зист, таназзули замин, коҳиш аз оқибатҳои тағйирёбии иқлим, дастрасӣ ба оби тоза ва санитария, истифодабарии партовҳои маишӣ ва як қатор мушкилоти дигарро дар бар мегирад" [10, с. 18].

Дар сиёсати дарозмуҳлати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон беҳтар намудани шароити манзилию маишии аҳолӣ дар заминаи афзоиши таъминнокӣ ба масоҳати истиқоматӣ, ташкили манзили мустақил ба аҳолӣ, махсусан ба оилаҳои камбизоат ва ҷавон, беҳтар намудани сифати манзил, беҳтар кардани шароити зисти аҳолӣ аз ҳисоби дастрасии хуб ба хизматрасониҳои коммуналӣ, махсусан дар маҳалҳои аҳолинишини деҳот, беҳтар намудани устувории молиявии муассисаҳои ҳоҷагии манзилию коммуналӣ, ташкили минтақаҳои бехатар аз нуқтаи назари пешгирии хатари офатҳои табиӣ вазифаи калидӣ дониста мешавад.

Масъалаи таъмини аҳолӣ бо манзили истиқоматӣ ва дар ин замина беҳтар намудани шароити некӯаҳволии аҳолӣ натанҳо дар қонун ва барномаҳои миллӣ балки дар сатҳи байналмилалӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дорад. Чунончи, тибқи талаботи банди 25 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар "Ҳар як инсон ба сатҳи зиндагии мувофиқ, ки барои саломатӣ ва некӯаҳволии худ ва оилааш мувофиқ аст, аз ҷумла ғизо, сару либос, **манзил,** хизматрасонии тиббӣ ва хизматрасонии зарурии иҷтимоӣ ва ҳуқуқ ба таъминот дар ҳолати бекорӣ, беморӣ, маъюбӣ, бевагӣ, пирӣ ва ё дигар воситаҳои зиндагӣ аз сабаби ҳолатҳое, ки аз ӯ вобаста нестанд, ҳуқуқ дорад" [13].

Аз баррасии асосҳои меъёрию ҳуқуқии таъмини аҳолӣ бо манзили истиқоматӣ бар меояд, ҳадафи асосии онҳо беҳдошти сатҳи зиндагӣ ва некуаҳволии аҳолӣ ба шумор меравад ва барои самаранок гардидани меъёрҳои болозикр бояд дар ҳамаи барнома ва стратегияҳои соҳавӣ масъалаи манзил баррасӣ гардида, натанҳо давлат балки дигар субъектони иқтисодӣ дар тадбиқи ҳадафмандонаи онҳо саҳм гузоранд. Танҳо таъсири системавии субъектони иқтисодӣ метавонад ба рушди сохтмони манзили истиқоматӣ ва беҳдошти сатҳи зиндагӣ мусодиат кунад, зеро сатҳи зиндагӣ худ аз низоми нишондиҳандаҳои мураккаб таркиб ёфтааст, ки таъсири комплексиро талаб мекунад.

Аз рафти таҳқиқот маълум гардид, ки рушди сохтмони манзил ва дастрасии аҳолӣ ба он ҳамчун нишондиҳандаи муҳим дар арзёбии беҳдошти сатҳи зиндагии аҳолӣ васеъ истифода мегардад. Ҳамзамон, рушди сохтмони манзил дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии хоҷагиҳои хонавода метавонад таъсири назаррас гузорад.

## ПАЙНАВИШТ


1. Генеральная Ассамблея Организации Объединённых Наций в Париже 10 декабря 1948 года.
2. Гурьев В.И. Основы социальной статистики / В.И. Гурьев.– М.: Финансы и статистика, 1991. – С. 67.
3. Елисеева И.И. Социальная статистика. Учебник / И.И. Елисеева. – М.: Финансы и статистика, 2003. – С. 77 – 82.
4. Ким Л.Н. Уровень жизни населения: теория, оценка и перспективы: дис. … д-ра философии PhD: 6D050600 / Л.Н. Ким. – Алматы, 2012. – 34с.
5. Минякова, Т.Е. Уровень жизни населения: перспективы и тенденции развития (на примере России и Китая). Монография / Т.Е. Минякова. – Ульяновск.: УлГТУ, 2012. – С. 21-22.
6. Низомов, С. Ф. Влияние отраслевой специфики строительных предприятий на организацию управленческого учета / С. Ф. Низомов // Аудит и финансовый анализ. – 2010. – № 1. – С. 307-313.

7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» // Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 23.12.2022 [манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj (санаи истифодабарӣ: 15.06.2023)
8. Саидов С.Ш. Основания возникновения права собственности на жилое помещение // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2017.– №2/8. – С.–262-268.
9. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – Душанбе, 2016.– 127с.
10. Стратегияи рушди соҳаи сохтмони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «27» апрели соли 2022, № 203).– 160 с.
11. Ускова Т.В., Гордина О.Н. Пути решения жилищной проблемы в регионе / Т.В. Ускова, О.Н.Гордина // Экономика региона: проблемы и перспективы развития.– Москва. –№4 (50). – С.14.
12. Хушвахтзода, Қ.Х. Арзёбии омории сатҳи зиндагии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Монография [Матн] / Қ.Х. Хушвахтзода, Ф.М. Аҳмадов, Ф.М. Ашуров. – Душанбе: Нашриёти ДМТ.– 2021. – 189с.
13. Сомонаи расмии Созмони миллали муттаҳид / [манбаи электронӣ]. URL: https://www.un.org/ru/ (саннаи истифодабарӣ: 10.07.2023).

REFERENCES

1. General Assembly of the United Nations in Paris on December 10, 1948.
2. Guriev V.I. Fundamentals of social statistics / V.I. Guryev. - M .: Finance and statistics, 1991. - P. 67.
3. Eliseeva I.I. Social statistics. Textbook / I.I. Eliseev. - M.: Finance and statistics, 2003. - P. 77 - 82.
4. Kim L.N. The standard of living of the population: theory, assessment and prospects: dis. … Doctor of Philosophy PhD: 6D050600 / L.N. Kim. - Almaty, 2012. – 34p.
5. Minyakova, T.E. The standard of living of the population: prospects and development trends (on the example of Russia and China). Monograph / T.E. Minyakova. - Ulyanovsk.: UlGTU, 2012. - PP. 21-22.
6. Nizomov, S. F. Influence of industry specifics of construction enterprises on the organization of management accounting / S. F. Nizomov // Audit and financial analysis. - 2010. - No. 1. - PP. 307-313.
7. Message of the President of the Republic of Tajikistan, the leader of the nation, Honorable Emomali Rahmon to the Supreme Assembly of the Republic of Tajikistan "On the main directions of the internal and foreign policy of the Republic of Tajikistan" // Official website of the President of the Republic of Tajikistan 23.12.2022 [electronic resource]. URL: http://www.president.tj (date of use: 15.06.2023)
8. Saidov S.Sh. Grounds for the emergence of ownership of residential premises // Bulletin of the Tajik National University. Series of socio-economic and social sciences. - 2017. - No. 2/8. – PP.– 262-268.
9. Strategy and millia rushdi jumhurii Tojikiston baroi davrai to salt 2030. - Dushanbe, 2016. - 127p.
10. Strategy and rushdi sokhai sokhtmoni Ҷumkhurii Tojikiston baroi davrai tosoli 2030 (қarori Ҳukumati Ҷumҳurii Tojikiston az "27" April salt 2022, No. 203).– 160 p.
11. Uskova T.V., Gordina O.N. Ways to solve the housing problem in the region / T.V. Uskova, O.N. Gordina // Economics of the region: problems and development prospects. - Moscow. – No. 4 (50). – P.14.
12. Khushvakhtzoda, K.Kh. Arzebii Omorii Satkhi Zindagii Aholii Kumhurii Tojikiston. Monograph [Matn] / Қ.Kh. Khushvakhtzoda, F.M. Ahmadov, F.M. Ashurov. - Dushanbe: Nashriyoti DMT. - 2021. - 189p.
13. Somonai rasmii Sozmoni millali muttahid / [manbai electroni]. URL: https://www.un.org/ru/ (sannai istifodabari: 10.07.2023).